**Асрори пурамвори об**

Об дорои хусусиятҳои хос мебошад, ки мо ба кумаки он бисёр хоҳишҳои худро амалӣ мегардонем. Аз ҷумла, сиҳатии худро барқарор мекунем, ҳуснамонро афзун месозем, қувват мегирем ва… Ин ҳама муҷизаҳоро об чи тавр ба миён меорад. Шояд бисёре аз шумо оид ба мафҳумҳои оби ҳаёт, оби шифобахш, оби муқаддас, оби мурда шунида бошед. Инҳо мафҳумҳои одӣ нестанд, балки хелҳои ҳақиқии об мебошанд, ки дар худ хосиятҳои гуногун ва структураи обро нигоҳ медоранд ва чи хел об ин хосиятҳоро ба вуҷуд меоварад ва чи хел дар ин ҳол хосиятҳои химиявии он тағйир намеёбанд, дар асрори асосии об ниҳон аст.

Аз даврони қадим то ба имрӯз олимон хусусиятҳои обро меомӯзанд. Охир об дар муқоиса бо дигар моеъҳо ва моддаҳо хосиятҳои бисёр аҷоиби физикию химиявиро доро мебошад. Масалан, то имрӯз ҳеҷ кас фаҳмонида наметавонад, ки чаро ҳаҷми об дар ҳарорати паст зиёд мешаваду дар ҳарорати баланд паст мефарояд. Ин хусусияти аҷоиби обро одамон дар гузашта дар сохтмон истифода мебурданд. Масалан, дар шимол одамон ба шикофиҳо (тарқишҳо)-и харсанг об мерехтанд, то об ях баста сангҳоро кафонда майда кунад. Баъдтар олимон исбот карданд, ки оби дар зарфҳо истода фишори баландро ҳосил мекунад. Масалан, дар тухмиҳои нешзада фишори об тахминан ба 400 атмосфера мерасад, ки неши тухмӣ ҳатто мумҳои роҳҳоро шикоф мекунаду ба рӯйи Замин мебароянд.

Олимони ҷаҳонӣ таҷрибаҳои бешуморе гузаронида исбот кардаанд, ки об ҳодисаҳои гуногуни атрофро дар худ сабт карда нигоҳ медорад. Ахборотро дар худ нигоҳ дошта, хосиятҳои навро пайдо мекунад. Дар ин ҳол, таркиби химиявии об бе тағйир мемонад. Пештар олимон ба хулосае омаданд, ки асрори асосӣ фақат дар таркиби химиявии об мебошад. Чанде пеш муҳаққиқон дарёфт карданд, ки асрор дар таркиби химиявии об нею дар структураи он мавҷуд аст. Структураи об ин шакли ташкилшавии молекулаҳоест, ки ба гурӯҳҳо- кластерҳо якҷоя мешаванд. Олимон тахмин мекунанд, ки маҳз ҳамин гурӯҳҳо якҷоя «хотира»-ро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо об ҳам ба монанди он ки лентаи магнитафон ҳамаи чизро сабт мекунад, об ҳам ҳамин тавр хосияти шунавандагӣ ва ҳис дорад.

Стуруктураи об аз ҳамаи ҳодисаҳои таъсиркунанда тағйир меёбад. Вале сифаташ ҳамчун об боқӣ мемонад. Сохтори он мисли асабҳои инсон аз ҳар як ҳодиса ҳасосияти навро ба вуҷуд меорад. Асбобҳои ҳозиразамон исбот карданд, ки дар ҳар як гурӯҳҳои хотира 440 ҳазор панелҳои информатсионӣ мавҷуд аст, ки онҳо бо мавҷҳои худ бо муҳити атроф ҷавобгӯ мебошад. Дар яке аз донишкадаҳои ИМА таҳқиқоти зерин гузаронида шуд: Гурӯҳе аз одамҳо эҳсосоти худро аз ҷумла муҳаббат, шукрона ва хушҳолиашонро дар ҳолате изҳор карданд, ки дар байни хона зарфи об гузошта шуда буд. Баъд дар атрофи ҳамин зарфи об эҳсосоти дигари худ – тарсу ҳарос, бадхашмӣ ва қаҳру ғазаби

худро баён намуданд ва дар натиҷа собит намуданд, ки дар ду ҳолати рӯҳии инсон структураи об тағйир ёфта ва пасту баланд мешавад.

Об аз қубурҳои бисёрметра ба системаи обтаъминкунандаи шаҳр гузашта «ҷабр» мегирад. Ин ба воситаи моддаҳои химиявӣ тоза кардан, ифлосӣ ва зангзанӣ дар қубурҳо ва аз ин ҳам зӯртар ин ҷабри ахборотӣ мебошад. Аз ҳазорҳо хонаҳо об гузашта, энергетикаи ин хонаҳо аниқтараш истиқоматкунандагонро қабул карда, доду вой, кашмакашии оилавӣ, озурдагӣ, гиря, тарсу ҳаяҷон, озордиҳӣ ва дигар эҳсосоти манфии хонанишинонро дар хотираи худ нигоҳ медорад. Вақте мо аз ҷумакҳо об истеъмол мекунем, организми мо якҷоя бо об ҳамаи ин хосиятҳоро аз худ мекунад. Дар ҷойҳое, ки ярокҳои қатли ом санҷида мешаванд, стуруктураи обҳо куллан тағйир меёбанд. Қайд шудааст, ки баъди гузаронидани чунин санҷишҳо дар минтақаҳои наздики он худкушӣ се баробар зиёд мешавад.

Обе, ки мо аз мағоза мехарем оби мурда аст, ҳарчанд ба он баъзе маъданҳоро ҳам илова мекунанд. Аммо дар ин гуна об, на стуруктура, на энергия ва на ҳаёт аст.

**Гулаҳмад Раҳмихудоев,**
**профессор**